**10.01.10.РӮЗНОМАНИГОРӢ**
**10.01.10.ЖУРНАЛИСТИКА**
**10.01.10.JOURNALISM**

***ТДУ 07+659(575.3)***
***ТКБ 76,12***

***МАТБУОТ ҲАМЧУН АВВАЛИН ТАШАККУЛДИҲАНДАИ АФКОРИ УМУМ***

***Гулов Сангин Нурович,*** *номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика;* ***Мавлонов Хуршед Давлаталиевич,*** *докторанти Ph.D-и кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)*

***ПРЕССА КАК ПЕРВОИСТОЧНИК ФОРМИРОВАНИЯ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ***

***Гулов Сангин Нурович,*** *кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой телевидения и радиовещания факультета журналистики;* ***Мавлонов Хуршед Давлаталиевич,*** *докторант Ph.D кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета (Таджикистан, Душанбе)*

***PRESS AS THE PRIMARY SOURCE OF PUBLIC OPINION FORMATION***

***Gulov Sangin Nurovich,*** *candidate of philological sciences, Associate professor, head of TV and Radio broadcasting department under the Tajik National University;* ***Mavlonov Khurshed Davlatalievich,*** *Ph.D doctoral student of television and radio broadcasting department attached to journalism faculty under the Tajik National University(Tajikistan, Dushanbe),*
***E-mail:*** *hurshed.0001@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *матбуот, манбаи аввалин, "Бухорои Шариф", "Овози тоҷик", рушд, ташаккул, тағирёбӣ, шуур, ҷомеа*

*Маълум аст, ки матбуот аз воситаҳои аввалини иттилоъраасон дар миёни ВАО ба шумор меравад. Маҳз нашрияҳо аввалин шуда ҷомеаро аз ҳодисаҳои вақтӣ огоҳ мекарданд. Ба ин восита бо баррасии мавзуоти мухталиф афкори мардумро бобати масъала ва пробелмаҳо тағйир медоданд. Муаллифон дар мақолаи худ маҳз ба ҳамин самт такя кардаанд. Муаллифони мақола зимни баррасии мавзӯъ газетаи "Бухорои Шариф"-ро чун аввалин нашрияи тоҷикӣ мисол оварда, онро заминагузори афкори ояндабинию ояндашиносӣ, созандагию пешрафт ва рӯ овардан ба газетаву илмомӯзӣ муаррифӣ намудаанд. Ба андешаи муаллифон "Бахорои Шариф" ҷомеаи тоҷикзабонро аз муҳиммияти матбуот бархурдор карда, минбаъд дар ташаккули афкори мардуми Бухоро дигаргунии ҷиддӣ ворид сохт. Аз ҷумла фикру андешаи мардум, хосатан онҳое, ки донишмандӣ ва рушди китобу китобхониро меписандиданд, ба куллӣ дигар намуд. Баъдҳо, агарчи "Бухорои Шариф" барҳам хӯрда бошад ҳам, ба мо маълум аст, ки онҳое, ки ба воситаи ин нашрия афкорашон бедор гардида буд, роҳи илму донишро идома доданд ва дар таъсиси чанд нашрияи дигар саҳми худро гузоштанд.Ҳамчунин муаллифон дар мақолаи худ иброз медоранд, ки "Бухорои Шариф" чун саромади матбуоти тоҷик дар афкори ҷомеаи пешқадам андешаи таъсиси нашрияҳоро бедор намуд ва минбаъд, дар заминаи он чандин нашрияҳо таъсис дода шуданд ва яке аз онҳо нашрияи "Овози тоҷик" мебошад.Ҳамин тавр муаллифон қайд кардаанд, ки нашрияҳои "Бухорои Шариф" ва "Овози тоҷик" дар матолиби худ аз ҳаёти мардум ва аз проблемаи онҳо менавиштанд. Ба дарди мардум наздик ва ба афкори онҳо созгор будани ин нашрияҳо боиси маълуму машҳур гардиданашон шуд.*

***Ключевые слова:*** *пресса, первоисточник, «Бухорои Шариф», «Овози тоджик», развитие, формирование, трансформация, сознание, общество*

*Как известно, пресса является одним из первых средств коммуникации. Именно газеты изначально первыми информировали общественность о происходящих событиях, обсуждая различные темы, они изменяли мнение людей о разничных вопросах и проблемах. В своей статье авторы делают акцент в этом направлении и, анализируя данную тематику, назвали «Бухорои Шариф» первым таджикским изданием и основой дальновидного и творческого мышления, прогресса и обращения к газетам и науке. По их мнению, издание «Бухорои Шариф» ознакомило таджикоязычную общину с важностью прессы и внесло существенные изменения в формирование общественного мнения в Бухаре. В частности, радикально изменились взгляды людей, особенно тех, кому нравилось познавать и развивать книги и читать их. Позже, несмотря на то, что издание "Бухорои Шариф" было расформировано, те, у кого пробудились идеи посредством его публикаций, продолжили путь в науке и осовении знаний и внесли свой вклад в создание нескольких других изданий. Авторы также заявляют, что «Бухорои Шариф» как предшественник таджикской прессы в сознании развитого общества пробудил идею создания изданий, и на его основе была образована в том числе газета - «Овози тоджик».Так, авторы отмечают, что «Бухорои Шариф» и «Овози тоджик» в своих статьях писали о жизни людей и их проблемах, заинтересованность в близости к людям и их боли сделали эти публикации известными и популярными.*

***Key-words:*** *press, primary source, "Bukhoroi Sharif", "Ovozi Tojik", development, formation, transformation, consciousness, society*

*As far as we are concerned the press is concerned to be one of the first means of communication. Namely, newspapers were the first ones informed the public about the events taking place. Thus, by discussing various topics, they changed people`s opinions about different issues and problems. In his article, the author focuses on this direction. Having analyzed the relevant topic, the author of the article called "Bukhoroi Sharif" the first Tajik publication and the grounds of far-sighted and creative thinking, progress and appeal to newspapers and science. In conformity with the author`s opinion, "Bukhoroi Sharif" introduced the Tajik-speaking community to the importance of the press and made significant changes aimed at formation of public opinion in Bukhara. In particular, people`s views, especially those who liked to learn and develop books and read them, have radically changed. Later on, no matter what, "Bukhoroi Sharif" was disbanded and those who awakened their ideas through this publication continued the path of science and knowledge and contributed to the creation of several other publications.The author also states that "Bukhoroi Sharif" as the predecessor of the Tajik press in the consciousness of the developed society awakened the idea of creating publications, and on its basis a newspaper was formed, including "Ovozi Tojik".Thus, the author notes that "Bukhoroi Sharif" and "Ovozi Tojik" in their articles wrote about people's lives and their problems. The closeness of people to their pain and the harmony of their views made these publications famous and popular.*

"Матбуот чун воситаи классикии ВАО аз омилҳои муҳимтарини инъикоскунандаи воқеоти зиндагӣ, ташаккулдиҳандаи афкори иҷтимоӣ буда, дар ҳар давру замон на танҳо ба ҳисси ватандорӣ, худшиносию ифтихори миллӣ мусоидат кардааст, балки майда – майда халқи моро ба пояи худогоҳӣ расонидааст. Тавассути он мо моҳияти зиндагӣ, муаммоҳои ҳаёт, тарақиёт, иқтисодиёт, инкишофи адабиёту санъат ва амсоли инро дарк намудем, муносибати худро ба дунё фаҳмидаву арзиш гузоштем. Ҳамчунин нақши матбуотро дар шинохту дарки моҳияти ҳастии иҷтимоии миллат, орзую омол ва мақсаду вазифаҳои навбатии он, сарфаҳм рафтан ба ҳастии маънавии шахс ва халқ, нодида гузоштан аз рӯи инсоф нахоҳад буд. Агар ба таърихи матбуоти тоҷик назар афканем, ба ҳақиқати ин гуфтаҳо шубҳа намекунем"[8, с. 22].

Дар воқеъ, саҳми матбуот дар заминагузории истиқлолияти кишвар, тарғиб ва талқини худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, дӯстию иттифоқ, шинохти якпорчагии ватан саҳми калон гузошту гузошта истодааст. Ҳамчунин аз асолати матбуот бармеояд, ки он дар тӯли таърих барои пос доштани забони давлатӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ хизмати басо бузург кардааст. Ҳаминро ба назар гирифта, Перезиденти мамлакат дар баромади хеш чунин иброз намуданд: "Имрӯз беш аз пеш маълум мегардад, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеаи муосир чӣ гуна бузург аст. Дар ҳақиқат матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд.

Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошанд.

Таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори омма метавонанд ба ҳалли мушкилоти мавҷуда фаъолона мусоидат намоянд”[10].

Дар ҳақиқат, воситаҳои ахбори омма, ҳам ватаниву ҳам хориҷӣ дар ташаккули афкори омма нақши барозанда доранд. “Дар шароити муосири муборизаҳои иттилоотӣ таъмини саривақтии фазои иттилоотӣ бо иттилои дақиқу сареъ аз муаммоҳои мубрам аст. Ҳарчанд расонаҳои хориҷӣ бо рақобат ба пешрафти фаъолияти расонаҳои тоҷик саҳмгузор мебошанд, ба таври амалӣ аз дастовардҳои журналистикаи ҷаҳонӣ бохабар месозанд, шаклу воситаҳои нави пешниҳоди маводро нишон медиҳанд, барои матбуоти мустақил як воситаи асосии дарёфти иттилоъ ва сарчашмаи иттилоъ шудаанд, вале набояд фаромӯш кард, ки хабарнигорони ин расонаҳо бо назардошти манфиатҳои кишвар ва муассиси худ хабару гузоришҳоро омодаву пахш мекунанд”[4, с. 277].

Вақте ки воситаҳои таъсиррасон мегӯем, пеш аз ҳама пешорӯи мо матбуот меистад. Зеро матбуот аз воситаҳое мебошад, ки асрҳо боз бо махсусияти худ дар пешбурди тамоми соҳаҳо саҳм мегузорад. Зимнан он аз аввалин василаҳое ба шумор меравад, ки дар баробари иттилоъ расонидан ба мардум ба ин васила ба афкор ва шуурашон таъсир мерасонд. Ҳамин хусусиятҳо буд, ки матбуот дар миёни омма аз ҷузъҳои асосӣ ба шумор рафт ва давра ба давра рушд намуд. Шаклҳои беҳтари он пешкаши омма гардонида шуд.

Матбуот дар ҷомеаи мо дар муқоиса ба мамолики Ғарб баъдтар зуҳур намуд. Аз рисолату аҳдофи он бармеояд, ки матбуоти мо низ маҳз ба хотири таъсир расонидан ба афкори умум ба миён омад. Чуноне аз таърихи аввалин нашрияи тоҷикӣ - “Бухорои Шариф” маълумамон мегардад, маорифпарварони Бухоро илоҷи таъсис додани рӯзномаро бо забони мардуми таҳҷоии Бухоро ба воситаи мудири матбаа Левини яҳудӣ, ки ӯро барои фоидаи зиёд дидан аз чопи рӯзнома шавқманд гардонида розӣ кунониданд. Дар мактуб ба Элчихонаи рус (Консулгарии Русия дар Аморати Бухоро воқеъ дар Когон) таъкид доштанд, ки таъсис додани нашрияе ба забони мардуми маҳаллии Бухоро ба рушду ривоҷи муносибатҳои тиҷоратии Бухорову Русия кӯмак мекунад. Инчунин барои итминони амири Бухоро ва Элчихонаи рус, Мирзохоҷа Мирзобадаловро, ки дар Элчихонаи рус мутарҷим буд, ба ҳайси мудири масъули нашрия муаррифӣ карданд. “Рӯзномаи “Бухорои шариф” дар мавқеи маорифпарварӣ истода, хонандагони худро бо забони сода аз воқеаҳои ҷаҳон, масъалаҳои гуногуни таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабиёт ва ғайра огоҳ мекард. Дар саҳифаҳои он махсусан зарурияти омӯхтани илму дониш ва мақолаҳои ташвиқотӣ, оид ба ин масъала чоп мешуданд [1].

Албатта, дар навбати аввал аз аҳдномае, ки бо Левини яҳудӣ буд, танҳо пешбурди тиҷорат фаҳмида мешаваду бас. Ҳол он ки маҳаки нашрияи “Бухорои шариф”-ро маорифпарварӣ ташкил медод. Бо матолиби дарҷкарда аз масъалаҳои доғ ба афкору шуури ҷомеа таъсир мерасониданду онҳоро барои таҳсил, омӯхтани илмҳои замона ташвиқу тарғиб менамуданд: “Дар қиболи дигар ҳадафҳо, раванди мутамарказии расонаҳо ин аст, ки онҳо тавассути ахбору иттилооти худ дар андешаронии ҷомеа нақш гузошта, афкори умумро дар масире, ки ниёз доранд, шакл медиҳанд” [6, с. 305].

Бешак, рисолати аслии ҳар восита, хоҳ телевизион бошад, хоҳ радио ё матубот пеш аз ҳама созандагист. Яъне, он масъалаҳое, ки оромию сулҳу субот, пешрафту ободӣ, ҳамдигарфаҳмию ваҳдат ва амсоли инро ба бор меорад, ба ҷомеа ташвиқ намуда, роҳ ҳалли онро дар шаклҳои гуногун ба омма пешкаш мекунад. Аз ҳамин нуқта метавон хулоса кард, ки ҳар воситае, ки ба миён меояд, ҳатман дар заминаи кадом масъала зуҳур менамояд. Аз пайдоиши нашрияи “Бухорои шариф” мебинем, ки он дар натиҷаи сафари аҳли илму маърифат ба мамолики мутараққии дунё ва ошноии онҳо бо комёбиву муваффақият, дастоварду навгониҳои мардумони кишварҳои дигар мебошад. “Аз ҷониби дигар, таъсиси рӯзномаҳои форсӣ дар садаи Х1Х дар сарзаминҳои мухталиф - Ҳиндустону Эрон, Туркияву Афғонистон, Мисру Инглистон ва ба рағми ҳамаи монеаҳо нашрияҳои форсии охири садаи Х1Х ва оғози садаи ХХ "Ахтар", "Қонун", "Ҳабл-ул-матин", "Парвариш", "Чеҳранамо", ҷаридаву маҷаллаҳои туркиву тоторӣ ва озарбойҷонии "Сирот-ул-мустақим", "Тарҷумон", "Мулло Насриддин" ва монанди инҳо, дастраси мунавварфикрон ва ислоҳталабони Осиёи Миёна мегардид, ки аз байни одамони одӣ низ касони назаркунанда ба матбуот пайдо шудан гирифтанд” [3].

Дар асл агар кишвари дилхоҳ ба таҳаввулоту дигаргуниҳо ниёз дошта бошад, дар он будани мунавварфикрону тараққихоҳон ҳатмист. Зеро бидуни ин афрод дигаргунӣ ба миён омаданаш дар гумон аст. Ин раванд ҷунбишу инқилобҳои пайиҳам мехоҳад. Далелҳои мавҷуда баёнгари

онанд, ки дар оғози садаи XX дар баробари ошноии ҷадидон ва маорифпарварони тоҷик бо адабиёту матбуоти ҳамзабонону халқҳои дигар, ҳамчунин табаддулоту инқилобҳои барзиёд ба амал омаданд, ки дар сохти давлатдории давр таъсири амиқ гузошт. "Равшанфикрону тараққихоҳони Бухоро бо вуҷуди маҳдудияти фаъолияташон ва таъқиби ошкору ниҳон аз ҷониби ҳукуматдорон бо ҳар роҳу восита мекӯшиданд, ки камбуду норасоиҳои ҷомеаро рафъ сохта, мардуми Бухороро ба сӯйи тараққию тамаддун ҳидоят намоянд. Мактаби ҷадиди Абдулвоҳиди Мунзим, ки ҳамроҳ бо шарикдарсонаш Садриддин Айнӣ, Ҳамидхоҷаи Меҳрӣ ва Аҳмадҷони Ҳамдӣ таъсис дода буд, дар муддати кӯтоҳ дар байни мардум эътибору нуфузи зиёде пайдо карда, боиси эҷоди мубориза ошкори навгароёну муҳофизакорон гардид. Чуноне устод С.Айнӣ таъкид мекунад: "Ҳукумати Бухоро, ки ба ягон кори одии маданӣ роҳ намедод, ба нашри рӯзномае, ки дар пеши назараш чун муфаттише шуданаш мумкин буд, чӣ гуна роҳ дода метавонист? [3] "

Маорифпарварони тоҷик дар замони худ матбуотро чун дармонбахши дардҳои маънавии ҷомеа, тарғибгари ахлоқи хубу нек, пеш аз ҳама василаи асосии ташаккулдиҳандаи шуури ҷомеа дониста, барои таъсиси он тамоми қувваи ҷисмонӣ ва зеҳнии худро истифода намуданд. Билохира, аввалин нашрияи сирф тоҷикӣ 11 марти соли 1912 дар ҳаҷми чор саҳифа аз чоп баромад. Муассиси он ҷавонбухориён ва ташаббускорони аслӣ аз онҳо роҳбарони ҳамонвақтаи ҷунбиши ҷавонбухорӣ - Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Сироҷ буданд. Мирзо Муҳиддин аз тоҷирони сарватманди қароқулфурӯши Бухоро ва Мирзо Сироҷ аз табибони шинохташудаи Бухоро маҳсуб мешуданд. Рӯзномаи "Бухорои шариф" то 14-уми июл ҳаррӯза аз чоп мебаромад. Баъд он ҳафтае чор бор нашр мешуд. Зеро бо нияти ба мардуми ӯзбекзабон расонидани ғояҳои худ ҷавонбухориён аз 14-уми июли соли 1912 ҷаридаи "Тӯрон"-ро, ки чун иловаи "Бухорои шариф" ташкил доданд, ки ҳафтае як маротиба аз чоп мебаромад. Дар моҳи сентябр ин нашрия мустақил шуд ва Ғиёс Ҳуснӣ муҳаррири он таъин гардид.

Азбаски харҷи нашрияҳо ба ин васила хеле калон шуд ва фоидаи моддии вай камӣ кард, моҳи августи соли 1912 Левӣ аз ҳуқуқи нашр даст кашид. Мирзо Муҳиддин бо дигар ҷавонбухориён маслиҳат карда, иттифоқе таъсис намуд, ки он чопи нашрияҳоро ба зимма гирифт. Акнун таъсири ҷавонбухориён нисбатан бештар гардид ва шумораи мақолаҳои характери пешқадамдошта афзуд.

Ҳамин равияи одӣ ва ҳамин эътибори "Бухорои шариф" аз тарафи муллоён ва муллобачагони анъанапараст маҳкум ва таъқиб мешуд. Онҳо афкори ҷадидиро ҳамчун андешаҳои ба маданияти форсӣ бегона инкор мекарданд. Аммо обрӯи рӯзнома байни хонандагон меафзуд.

Ҳар қадаре ки обрӯи "Бухорои шариф" дар байни аҳолӣ меафзуд, ҳукуматдорони рус ҳамоно аз вай хавф мебурданд ва аз пайи бастани он гардиданд. Аз ин рӯ, моҳи декабр намояндаи губернатори Туркистон аз амири Бухоро хоҳиш кард, ки рӯзномаҳоро бандад. Олимхон бо хушнудӣ ин хоҳишро қабул кард. 2 январи соли 1913 ба идораи нашрияҳо бо имзои Петров мактуби зерин расид: "Мувофиқи хоҳиши аълоҳазрат амири Бухоро аз ҳамин рӯз эътиборан нашри "Бухорои шариф" ва "Тӯрон" манъ карда мешавад" [1].

Собит шудааст, ки баъди пайдо шудани "Бухорои шариф" ва чопи 153 шумораи он дар Бухоро таҳаввулоти куллӣ ба миён омад. Садриддин Айнӣ бо ишора ба ин менависад, ки "Бухорои Шариф" ва "Турон" рӯз ба рӯз диққати мардумро ба худ бештар ҷалб мекарданд. Дар тасаввури хонандагон фикрҳои нав пайдо шудан гирифт. Ин вазъ ба кайфи Элчихона мувофиқ наомад" [2].

Нашри "Бухорои шариф" боиси он гардид, ки диди мардум ба шакли давлатдорӣ дигар шуд. Андешаву шуури мардум ба дигар маҷро роҳ пеш гирифт. Чопи "Бухорои шариф" исбот намуд, ки бухороиёни ташнаи илму адаб мунтазири чунин як роҳнамо ва лавҳе буданд, ки афкори онҳоро дар самти баланд бардоштани илму дониш сабаб шавад. "Бухорои шариф" бошад, ҳамин рисолатро дар миёни ҷомеа бозид ва афкореро падид овард, ки минбаъд, бо вуҷуди аз байн рафтани ин нашрия, дар пешбурди илму дониш ва саводноккунонии мардум, хизмат намуд. Вале, чуноне дар боло қайд намудем, ҳукуматдорони рус босаводӣ ва андешаву шуури пешрафта ва ояндабиниро намехостанд. Бо ҳамин омилҳо ин рӯзнома баста шуд ва баъдан нашрияҳое пайдо шуданд, ки бо таъсир расонидан ба афкори умум аз асоситарин проблемаҳои даврро ҳал менамуданд. Бахусус нашрияи "Овози тоҷик" дар ин замина хеле фаъол буд.

"Овози тоҷик" рӯзномаи тоҷикиест, ки бо қарори КМ ВКП дар шаҳри Самарқанд таъсис ёфт. Шумораи аввали он бо унвони "Овози тоҷики камбағал" 25 августи соли 1924 интишор

гардидаст. Чуноне аз таърихи пайдоиши ин ҷарида бармеояд дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX гурӯҳе аз фарзандони бонангу номус ва шарфманди тоҷик нагузоштанд, ки ин миллати қадимӣ аз марзи Осиёи Миёна бенасиб монад. Онҳо дар баробари пантуркистон ва дигар душманони миллати тоҷик, ки нобудии ин миллатро мехостанд, барои эҳёи миллати тоҷик ва забону нашриёҳои тоҷикзабон саъю кӯшиш ва хизмати шоистае кардаанд [10].

Андешаҳоеро низ вомехӯрем, ки аз муҳиммияти матуботи ин давр, бахусус нашрияи "Овози тоҷик" гуфта шудаанд. "Ш.Шоҳтемур дар ташкил кардани якумин газетаи тоҷикӣ дар Туркистон - "Овози тоҷик", ки аз моҳи сентябри соли 1924 дар шаҳри Самарқанд мебаромад, инчунин дар нашр кардани аввалин китобҳои дарсӣ, барои ба забони тоҷикӣ таълим додани бачагони тоҷик дар мактабҳои советӣ хеле хизмат кард [7, с. 34]. "Дар шароите, ки пантуркизм ҳукмфармо аст, масъалаи миллиро ҳал кардан ниҳоят душвор, илова бар ин, мутаассифона, қисми равшанфикрони тоҷик таҳти ин вабои мудҳиш сару ҳисобашонро гум кардаанд. Тақдири одамонро набояд як гурӯҳи одамони оҷиз ҳал кунад. Онҳо ҳуқуқ доранд ҷумҳурии мухтори худро дошта бошанд, вазъияти ҳозира инро талаб мекунад. Мо ба ин ноил мегардем" [11]. "Дар назди КМ Ҳизби Коммунистии Туркистон сексияи коммунистӣ буд, ки ман онро роҳбарӣ мекардам. Барои мо таъсиси рӯзномаи аввалин бисёр зарур буд, вале мо пул надоштем. Ман бо Ҳоҷибоев шинос шудам ва ӯ, ки дар вазифаи раиси Комитети консесии (предоблконцесском) вилояти Фарғона буд, барои таъсиси газета 2000 рубл дод" [5, с.16]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки равшанфикрони давр муҳиммияти матбуот ва ба василаи он ташаккул додани афкори ҷомеаро барои ҳифзи арзишҳои миллати худ, хеле муҳим медонистанд ва тамоми саъю талоши худро баҳри ба вуҷуд овардани он ба харҷ медоданд.

Нашрияи "Бухорои шариф" ва "Овози тоҷик" дар матолиби худ мушкилҳои умдаро ба баррасӣ мекашиданд. Аз ҳаёти мардум ва аз проблемаи онҳо менавиштанд. Ба дарди мардум наздик ва ба афкори онҳо созгор будани "Бухорои шариф" боис гардид, ки он ба маълуму машҳур гардад. "Бухорои шариф" чун заминагузори матбуоти тоҷик, дар партави он ҷомеаи тоҷикзабон аз муҳиммияти матбуот бархурдор гардида, минбаъд дар ташаккули афкори ҷомеаи Бухоро дигаргунии ҷиддӣ ворид сохтанд. Аз ҷумла, фикру андешаи мардум, хосатан онҳое, ки донишмандӣ ва рушди китобу китобхониро меписандиданд, ба куллӣ дигар намуд. Баъдҳо, агарчи "Бухорои шариф" барҳам хӯрда бошад ҳам, ба мо маълум аст, ки онҳое, ки ба воситаи ин нашрия афкорашон бедор гардида буд, роҳи илму донишро идома доданд ва дар таъсиси даҳҳо нашрияи дигар саҳми худро гузоштанд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Бухорои Шариф: Нахустҷаридаи тоҷикӣ, ки умри бештар аз яксола дошт [манбаи электронӣ]. URL: http://pitfi.tj/node/40 (санаи истифодабарӣ: 24.06.2020)
2. Бухорои Шариф [манбаи электронӣ]. URL: Бухорои_Шариф (санаи истифодабарӣ: 05.07.2020)
3. Гулмуродзода П. "Бухорои шариф" - нахустин нашрияи форсизабон дар Осиёи Миёна [манбаи электронӣ]. URL: http: // www.bbc.co.uk/tajik/institutional/2012/03/120306_ea_bukharai_sharif (санаи истифодабарӣ: 05.08.2020)
4. Имомзода, М.Амнияти иттилоотӣ ва фазои иттилоотӣ/М.Имомзода, С.Гулов/ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. - № 4/6, – С. 275 – 279.
5. Искандаров, К. Славный сын таджикского народа/К.Искандаров. - Душанбе, 1999. - С. 16.
6. Мавлонов, Х. Нақши расонаҳо дар шаклгирии афкори умум / Х. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2020. – №3. - С.305-309.
7. Макашов, А. В.Ширингшо Шотемур/ А.В.Макашов, В.А. Руднитский. - Душанбе: Ирфон, 1964. - С. 34.
8. Муродов, М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ/М.Муродов. - Душанбе: Деваштич, 2005. - С. 22.
9. Овози тоҷик [манбаи электронӣ]. URL: https: // tg.wikipedia.org/wiki/"Овози_тоҷик" (санаи истифодабарӣ: 05.08.2020)
10. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/222 (санаи истифодабарӣ: 05.08.2020)
11. Усмонов, И.К. Журналистика. Ҷ. 4. / И. К. Усмонов. - Душанбе, 2011. - 474 с.
12. Ҷавонони Тоҷикистон. - 1990. - 6 апрел.

**REFERENCES:**

1. Bukhara Sharif: The first Tajik Journal Possessed more than a Year Old [Electronic Source]. URL: - Regime of availability http://pitfi.tj/node/40 (Date of request: 24.06.2020)
2. Bukhara Sharif [Electronic Source]. URL: Bukhara_Sharif (Date of request: 05.07.2020)
3. Gulmurodzoda P. Bukhara Sharif Is the first Persian-Language Publication in Central Asia. URL: http: // www.bbc.co.uk/tajik/institutional/2012/03/120306_ea_bukharai_sharif (Date of request: 05.08.2020)
4. Imomzoda, M. Informational Security and Space / M.Imomzoda, S.Gulov / Bulletin of the Tajik National University. Series of philological sciences. - 2017. - № 4/6, - P. 275 - 279.
5. Iskandarov, K. Glorious Criticism of the Tajik Nation / K. Iskandarov. - Dushanbe, 1999. - P. 16.
6. Mavlonov, Kh. The Role of Media in Shaping Public Opinion / Kh. Mavlonov // Bulletin of the Tajik National University. Series of philological sciences. - 2020. - №3. - P. 305 - 309.
7. Makashov, A.V. Shirinsho Shotemur / A.V. Makashov, V.A. Rudnitsky. - Dushanbe: Cognition, 1964. - p. 34.
8. Murodov, M. Certain Issues Beset with Journalism and Journalistic Satire / M. Murodov. - Dushanbe: Devashtich, 2005. - p. 22.
9. Voice of Tajik [electronic source]. URL: https://tg.wikipedia.org/wiki/"Ovozi_tojik "(Date of request: 05.08.2020)
10. Speech at the Solemn Meeting Dedicated to the 100-th Anniversary of the Tajik Press [electronic source]. URL: http://president.tj/node/222 (Date of request: 05.08.2020).
11. Usmonov, I.K. Journalism. -V. 4. / I.K. Usmonov. - Dushanbe, 2011. - 474 p.
12. Youth of Tajikistan. - 1990. – April 6.